МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

Terre des hommes
Helping children worldwide.

# ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ ЗАНУ ШАВҲАР ВА ЗАНУ ШАВҲАРИ СОБИҚ




юнисеф

барои ҳар як кӯдак

**Дар асоси моддаи 83 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоме, ки алимент-супоранда (падару модари кӯдак) музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дорад, дар сурати набудани созиш маблағи алимент аз ӯ бо таври устувор бо тартиби судӣ ситонида мешавад.**

## Маблағи алимент барои фарзандони ноболиғ чӣ гуна зиёд карда мешавад?

## ҶАВОБ:

Бо назардошти моддаи 120 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати тағйир ёфтани вазъи моддӣ ва оилавии алиментгиранда бо талаби ӯ суд метавонад, ки андозаи алименти муқаррашударо тағйир диҳад.

**Моддаи 91. Ҳуқуқи зан ё шавҳари собиқ барои гирифтани алимент пас аз бекор кардани ақди никоҳ**

**Шахсони зерин ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз зан ё шавҳари собиқи худ, ки маблағи заруриро доранд алимент талаб кунанд:**

- зани собиқ дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ;
- зан ё шавҳари собиқи мӯҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ба синни ҳаждаҳсолаги расида ва фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад;
- зан ё шавҳари собиқи ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷе, ки қобилияти меҳнатро то бекор кардани никоҳ ё дар давоми як соли пас аз бекор кардани ақди никоҳ аз даст додааст;
- зан ё шавҳари мӯҳтоҷе, ки на дертар аз панҷ соли пас аз лахзаи бекор кардани ақди никоҳ ба синни нафақа расидааст, агар зану шавҳар дар муддати панҷ сол дар ақди никоҳ буданд.

Андозаи алимент ва тартиби ба ҳамсари собиқ пардохтани онро пас аз лахзаи бекор кардани ақди никоҳ тибқи созишномаи байни зан ва шавҳари собиқ муайян кардан мумкин аст.



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.